Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илм
аз 7 майи соли 2015,
№12/1 тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани
таҳсилоти дуюми олии касбӣ**

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1.Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.Низомномаи мазкур бо мақсади ба танзим даровардани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр намудани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯи талаботи замон ва мувофиқ ба сохти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаву маҳорати касбии шаҳрвандон, инчунин бо назардошти коста гардидани мақоми гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ тариқи шӯъбаҳои ғоибона таҳия мегардад.

3. Мувофиқи моддаи 41-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба шаҳрвандоне, ки таҳсилоти олии касбӣ доранд, гирифтани таҳсилоти дуюм ва таҳсилоти минбаъдаи олии касбӣ танҳо дар асоси шартнома (пулакӣ) иҷозат дода мешавад.

4. Бо назардошти дорои таҳсилоти олии касбӣ будани шаҳрвандон муҳлати таҳсил бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ (вобаста ба мувофиқат кардани тахассус) муқаррар мегардад, ки он амалан омӯзиши фанҳои тахассусиро дар бар мегирад.

## 2.Тартиби қабул барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ

5.Барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони дар ҷумҳурӣ ба таври доимӣ истиқоматкунанда ва шаҳрвандони хориҷие, ки дорои диплом дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд (пас аз эътирофи баробарарзишии дипломи онҳо), қабул карда мешаванд.

6.Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ, ташкил ва гузаронидани озмуни қабули онҳо бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор (директор) мебошад.

7.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фақат бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд (филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд мустақиман иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ дошта бошад).

8.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

9.Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо тариқи шартномавӣ эълон намояд.

10.Қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ танҳо тибқи шартнома дар асоси иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

11.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул ва комиссияи аттестатсионӣ аз 20 июн то 10 август ва муҳлати гузаронидани суҳбат аз 11 то 25 август таъин карда мешавад.

12.Довталабон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва низомномаи мазкур ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар муҳлати муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

-ариза ба номи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-дипломи намунаи давлатӣ бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (нусхаи асл);

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ дар хусуси фаъолияти корӣ вобаста ба самт, равия ва ихтисоси интихобкарда;

- 6 дона сурати андозаи 3 х 4 см;

- маълумотномаи тиббии шакли 086-у;

- шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият.

13.Баъд аз суҳбати комиссия гузаштани довталаб барои қабул ба сафи донишҷӯён қарори комиссияи қабул бароварда мешавад.

14.Комиссияи қабул пас аз шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои довталабон боназардошти мавҷудияти миқдори фарқиятҳо чунин шакли қабулро ба роҳ мемонад (ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ);

-бо мавҷудияти на зиёда аз 7 фарқияти фаннӣ (таҳсили сесола);

-бо мавҷудияти зиёда аз 7 фарқияти фаннӣ (таҳсили чорсола).

15.Довталабон барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар асоси талаботи Қоидаҳои қабули мазкур ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

16.Фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ на дертар аз 15 рӯз пас аз гузаштани суҳбат дар асоси қарори комиссияи қабул бароварда мешавад.

17.Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба озмуни қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашташуда ҳисобида мешаванд.

18.Дар сурати қаноатманд набудан аз озмун довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи суҳбаташ (агар хаттӣ низ бошад) дар муҳлати то 3 рӯз тариқи апеллятсия (комиссяи апеллятсионӣ бо фармоиши ректор таъсис дода мешавад) шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав гузаштани суҳбат набуда, балки танҳо санҷиши дурустии он мебошад ва он дар протокол қайд карда мешавад.

19.Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад.

20.Таъмин, риоя ва иҷрои Қартиби қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

21.Ба шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тибқи нақшаи таълимии таҳсилоти дуюм бомуваффақият хатм менамоянд, диплом ва нишонаи намунаи давлатии дар бораи таҳсилоти дуюми олии касбӣ муқарраршуда бо тахассуси мувофиқ дода мешавад.

**3.Ташкили раванди таълим**

22.Раванди таҳсил аз рӯи нақша ва барномаҳои махсуси таълимии таҳсилоти дуюми олии касбии мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия гардида, амалӣ карда мешавад.

23.Номгӯи ихтисосҳои таҳсилоти дуюми олии касбиро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

24.Ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ба роҳ мондани таҳсилоти дуюми олии касбӣ баъди гирифтани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозат дода мешавад.

25.Барои донишҷӯёни таҳсилоти дуюми олии касбӣ намуди машғулиятҳои таълимӣ, ба монанди лексия, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ, дарсҳои озмоишӣ, таҷрибаомӯзӣ, корҳои ҳисобию графикӣ, навиштани реферат, иҷрои лоиҳа ва корҳои курсӣ, иҷрои лоиҳа ва корҳои дипломӣ пешбинӣ карда мешавад.

26.Машғулиятҳо аз рӯи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

27.Интиқол, барқарор ва хориҷ намудани донишҷӯёни таҳсилоти дуюми олии касбӣ тибқи «Низомнома дар бораи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2010, № 161) ба роҳ монда мешавад.

**4.Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯёни таҳсилоти дуюми олии касбӣ**

28.Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯёни таҳсилоти дуюми олии касбӣ тибқи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

29.Донишҷӯёни таҳсилоти дуюми олии касбӣ вазифадоранд, ки талаботи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Қоидаҳои донишҷӯӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд. Дар сурати риоя накардани талаботи мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ё дар ҳолатҳои дигар (барои давомоти нокифоя, барои қарздории академӣ, дар сурати сари вақт пардохт накардани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома, дар ҳолати дар мӯҳлати муайяншуда насупоридани санҷишу имтиҳонҳо, барои содир кардани ҷиноят) ба донишҷӯ чораҳои муҷозотии интизомӣ то ҳадди хориҷ кардан аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқ карда мешавад.

**5. Пардохти маблағи таҳсил**

30.Ҳаҷм ва тартиби пардохти маблағи таҳсил барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбиро муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақомоти дахлдор муайян менамоянд. Маблағи таҳсил дар шакли нақд ва ғайринақдӣ бо пули миллӣ пардохт карда мешавад.

31.Ҳангоми аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудани донишҷӯй тартиби бозпас додани маблағ дар асоси шартномаи байни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси ҳуқуқӣ ё воқеъӣ муайян карда мешавад.